# ТАҚРИЗ

**ба афтореферати диссертатсияи доктории Нуров Нуралӣ Норович дар мавзӯи "Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Омӯзишу таҳқиқи ҷанбаҳои поэтикии ашъори шоирон аз рукнҳои муҳими шинохти вижагиҳои ҳунарии шеър ба шумор меравад. Аз ин рӯ, имрӯз замоне фаро расидааст, ки барои ҳарчи беҳтар таҳқиқ намудани ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои бадеии ашъори суханварон ҷанбаҳои муҳимтарини поэтикаи ашъорашон ба доираи таҳқиқ кашида шавад. Бо ин ҳадаф диссертатсияи доктории Нуров Нуралӣ Норович ба баррасии ҷанбаҳои поэтикии ғазалиёти яке аз саромадони адабиёти форсизабони Ҳиндустон Мирзо Абдулқодири Бедил бахшида шудааст. Ҳарчанд то имрӯз дар адабиётшиносии ҷаҳон роҷеъ ба Бедили Деҳлавӣ ва арзишу аҳамияти осори ӯ аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ як қатор таҳқиқот ба анҷом расидааст, аммо то кунун аз назари баррасии масъалаҳои поэтикии ғазалиёти шоир пажӯҳиши ҷудогонае сурат нагирифтааст.

Аз муҳтавои автореферат чунин бармеояд, ки рисола сохтор ва банду басти мухками илмӣ дошта, муаллиф дар заминаи муқаддима, панҷ бобу бист фасл, хулоса ва китобнома андешаҳои хешро бо фарогирии муҳимтарин сарчашмаҳои адабию таҳқиқотӣ баён сохтааст.

Дар бобу фаслҳои рисола масъалаҳои зиёде дар робита ба ҷанбаҳои поэтикаи ғазалиёти Бедил, аз қабили сохторшиносии ғазал ва таҳаввули он дар эҷодиёти шоир, бозтоби афкори адабии Бедил дар ғазалиёти ӯ, таҳаввули мисраъ, такрори қофия ва радифҳои нодир, вежагиҳои корбурди анвои авзони ғазал дар девони Бедил, сабкшиносӣ ва поэтикаи забони ғазалиёти Бедил, вожаҳои хос дар коргоҳи ҳунари шоирӣ ва маъниофариҳои Бедил, васоити тасвири бадеӣ, вожасозӣ ва шеваҳои хоси

таъбирофаринӣ, шарҳ ва маънигузории шоирона, тасвирсозӣ, шигардҳои маъниофарӣ ва мазмунсозӣ, ғазали тасвирӣ ва шеваҳои зуҳури он, тавсеаи ҷанбаҳои мавзуии ғазал дар девони Бедил, таъсири поэтикии Бедил ба суханварони адабиёти тоҷикии Фароруд бо зикри санаду далелҳои муҳками илмӣ аз осори Бедил ва сарчашмаҳои дигар ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар умум, ба қалами муаллиф тааллуқ гирифтани бештар аз 80 мақолаи илмӣ роҷеъ ба вежагиҳои ашъори Бедил, ки албатта бахше аз онҳо дар афторефарати рисола зикр шудаанд, таъкид бар он дорад, ки ӯ солҳои зиёдест, ки дар ин ҷода заҳмат мекашад ва ҳатто бахше аз мақолот дар маҷаллаҳои илмии хориҷӣ ба чоп расидаанд.

Дар воқеъ аз баррасии бобу фаслҳои рисола бармеояд, ки муаллиф тайи солҳои зиёд бо истифода аз сарчашмаҳои хуби илмӣ таҳқиқоти арзишмандеро дар заминаи поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил таълиф намудааст. Муаллиф бо омӯзиши муҳимтарин манобеъ ва таҳқиқоти марбут ба мавзӯъ заминаи хуби пажӯҳишро фароҳам овардааст. Рисола дар заминаи истифодаи нусхаҳои муътабари хаттии девони шоир, ки дар китобхонаҳои Ҳинд маҳфузанд, ба қалам омадааст, ки амр бешак ба арзиши муҳими имлии он таъкид меварзад. Таҳлилу баррасии диду назарҳои донишмандони ватаниву хориҷӣ роҷеъ ба вежагиҳои ҳунарии ашъори Бедил ва натиҷагириҳои мустақилона бар он ишорат мекунанд, ки муаллиф аз мутолиаи зиёд, умқи дониш ва тафаккури таҳлилӣ бархурдор аст. Рисола бо сабки хуби илмӣ навишта шудааст, ки ин фазилат огоҳии муаллифро аз забони таълифоти илмӣ ва равишҳои навтарини таҳқиқ ошкор месозад.

Дар баробари ин дастовардҳо дар афторефарати диссертатсия бархе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд:

1.Аз афторефарати диссертатсия маълум гардид, ки муаллиф ба нусхаҳои зиёди хаттӣ дастрасӣ додааст. Ба назари мо дар боби аввали рисола муҳимтарин нусхаҳои нодири Девони Бедил барои хонанда ба

таври мухтасар тавсиф мешуданд, арзиши матншиносии рисола низ боло мерафт.

2. Дар автореферати рисола базъе ғалатҳои ҷузъии техникӣ, имлоӣ ва услуби низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо эътибори илмии онро боз ҳам меафзояд.

Албатта, ин ғалату иштибоҳот ба ҳеҷ ваҷҳ арзиш ва аҳамияти илмии автореферати рисоларо коҳиш намедиҳанд. Бар асоси матолиби баёншуда метавон бар ин натиҷа расид, ки автореферати рисолаи доктории Нуров Нуралӣ Норович дар мавзӯи “Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” ба меъёрҳои таълифи рисолаҳои докторӣ мутобиқат дошта, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологиро аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дорад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессор, академики Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон — Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ

Имзои доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Имомзодаро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ф. Расулзода

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС